ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ "ТАВҲИДБОНК"

ТАВҲИДБОНК
Бонки Исломии Инноватсионӣ

OPEN JOINT STOCK COMPANY "TAWHIDBANK"

# Тартиби гузаронидани Иқдоми бурди роҳхати «Сафари Умра»

| | |
|---|---|
| РАҚАМИ НАШР: | № 39-ТБ |
| ТАҲИЯКУНАНДА: | Шӯъбаи рушди бизнес ва Идораи маблағгузории исломӣ |
| ТАСДИҚ ШУДААСТ: | Бо қарори Раёсати ҶСК "Тавҳидбонк"<br>Протоколи № 41 аз 14 ноябри соли 2023 |
| САНАИ ТАТБИҚ: | Аз 14- ноябри соли 2023 |

ДУШАНБЕ – 2023

## 1. Муқаддима

1.1. Тартиби гузаронидани Иқдоми бурди роҳхати“Сафари Умра” (минбаъд-Иқдом) дар асоси муқаррароти низомномаҳои дохилибонкии ҶСК «Тавҳидбонк» таҳия шудааст.

1.2. Тартиби мазкур санади меъёрии дохилибонкии Бонк буда, шарт ва талаботҳои гузаронидани Иқдомро муайян менамояд.

1.3. Мақсади Иқдом – таблиғу ташвиқи маҳсулоти амонату пасандозии Бонк, ҷиҳати ҷалби бештари муштариёни потенсиалӣ.

1.4. Аудиторияи мақсаднок - муштариёне, ки принсипҳои молияи исломиро афзал медонанд ва орзӯи сафар ба Ҳаҷро доранд.

## 2. Шарт ва талаботҳо барои иштирокчиёни Иқдом

2.1. Муштариёне, ки аз санаи 01 августи соли 2022 то 31 октябри соли 2022 дар Тавҳидбонк пасандози “Музораба” гузоштанд, ё то саршавии Иқдом дар бонк пасандози “Музораба” гузоштаанд, иштирокчии Иқдом хоҳанд шуд.

2.2. Барои иштирок дар чорабинӣ оид ба муайянкунии ғолибони Иқдом бақияи маблағи пасандоз бояд дар давоми 12 моҳу 1 рӯз пас аз оғози Иқдом аз 1 000 доллари ИМА ё ҳамарзиш бо сомонӣ кам набошад.

## 3. Санаи гузаронидани чорабинии муайянкунии ғолибони Иқдом

3.1. Санаи чорабинӣ оид ба муайянкунии ғолибони Иқдом бо Фармони Раиси Раёсати бонк муқаррар карда мешавад. Чорабинӣ оид ба муайянкунии ғолибони Иқдом дар бинои Саридораи Тавҳидбонк, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 4/1 гузаронида мешавад.

3.2. Дар ҳолати зарурӣ ба муштариён иконияти мушоҳида намудани рафти чорабинии мазкур тариқи пахши мустақим дар филиали Тавҳидбонк пешниҳод карда мешавад.

3.3. Инчунин рафти чорабинӣ дар дар шабакаҳои иҷтимоии бонк (https://www.instagram.com/tawhidbank,https://www.facebook.com/tawhidbonk) пахш мешавад.

## 4. Марҳилаҳои бурди Иқдом

4.1. Бо мақсади боз ҳам ҷолибтар гузаронидани Иқдом, раванди муайянкунии ғолибон метавонад ба ду ё зиёда марҳила тақсим шавад, яъне марҳилаи дуюмдараҷа ва марҳилаи асосӣ. Ғолибони Иқдом тариқи лототрон муайян карда мешаванд.

4.2. Тартиби гузаронидани марҳилаи дуюмдараҷа чунин мебошад:

- Ном ва насаби ҳамаи иштирокчиёни Иқдом дар қуттичаҳо дар лототрон ҷойгир карда мешаванд. Пас аз тоб хурдани лототрон қуттичаҳо мувофиқи шумораи ҷоизаҳои марҳилаи дуюми Иқдом аз лототрон гирифта мешаванд. Ном ва насаби ғолибон, ки дар қуттичаҳо ҷойгир карда шудаанд, эълон карда мешаванд;
- Ба ғолибон туҳфаҳо мувофиқи руйхати қаблан эълоншуда тақдим карда мешаванд. Агар ғолибон дар чорабинии муайнкунии ғолибони марҳилаи дуюмдараҷаи Иқдом ҳузур надошта бошанд, он гоҳ онҳо тариқи телефони Маркази тамоси Тавҳидбонк хабардор карда мешаванд;
- Ғолибони марҳилаи дуюмдараҷа дар бурди марҳилаи асосӣ низ иштирок менамоянд.

4.3. Тартиби гуазаронидани марҳилаи асосӣ чунин мебошад:

- Ном ва насаби ҳамаи иштирокчиёни Иқдом дар қуттичаҳо дар лототрон ҷойгир карда мешванд. Пас аз тоб хурдани лототрон қуттичаҳо мувофиқи шумораи ҷоизаҳои марҳилаи асосииИқдом аз лототрон гирифта мешаванд. Ном ва насаби ғолибон, ки дар қуттичаҳо ҷойгир карда шудаанд, эълон карда мешавад;
- Ба ғолибон туҳфаҳо мувофиқи руйхати қаблан эълоншуда тақдим карда мешаванд. Агар ғолибон дар чорабинии муайнкунии ғолибони марҳилаи асосии Иқдом ҳузур надошта бошанд, он гоҳ онҳо тариқи телефони Маркази тамоси Тавҳидбонк хабардор карда мешаванд;

Дар марҳилаи асоси Иқдом танҳо як маротиба ғолиб шудан имкон дорад.

**Таҳия намуданд:**
Сардори Идораи маблағгузории исломӣ

______________________ Самадов Д.А.

Сардори Шуъбаи рушди бизнес

______________________ Саидов У.Э.

**Мувофиқа карда шуд:**

Сармуҳосиб – Сардори Идораи муҳосибот ва молия

____________________ Давлатзода Ф.Р.

Сардори Хадамоти ҳуқуқ

______________________ Лалбеков П.Қ.